## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ. – Душанбе, 2025. – 165 с.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Фолклоршиносӣ ё ба истилоҳ эҷодиёти шифоҳӣ новобаста аз ҳамчун илми алоҳида эътироф гардиданаш, яке аз қадимтарин илмҳои соҳаи ҷомеашиносӣ ба шумор меравад. Муҳаққиқони русу Аврупо, аз ҷумла фолклоршиносони тоҷик пайдоиши асарҳои шифоҳиро ба замонҳои хеле қадим рабт дода, онро сарчашмаи эҷоди адиб ва пайдоиши адабиёти хаттӣ унвон додаанд. Мусаллам аст, ки матни фолклорӣ дар оғоз аз ҷониби нафаре эҷод шуда, дар натиҷаи паҳн гардидану пайваста такрор шуданаш миёни мардум номи муаллиф ба гӯшаи фаромӯшӣ меравад ва он ҳамчун моли халқ эътироф мешавад. Дар навбати худ гӯяндагони халқӣ низ бо истифода аз асарҳои адабиёти хаттӣ ва ё дар шаклу қолаби ягон асар ба дарди худ мувофиқ чизе эҷод менамоянд, ки дар доираи лаҳҷаву шеваҳо ва мавзуву мазмун мавриди истифодаи умум қарор мегирад. Ба ин далел метавон гуфт, ки умумиятҳои зиёде дар жанрҳои адабиёти хаттӣ ва шифоҳӣ мавҷуданд ва аз ин сабаб наметавон зимни таҳқиқ ин ду шохаи илми филологияро аз ҳам ҷудо таҳлилу баррасӣ намуд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми илми фолклоршиносӣ ҳанӯз аз давраи пайдоиши он омӯзиш ва табақабандии жанрҳои фолклорӣ мебошад. Бояд гуфт, ки муҳаққиқони соҳа жанрҳои эҷодиёти даҳонакии халқро ба ду гурӯҳ – жанри насрӣ ва назмӣ ҷудо намудаанд. Ҳамин навъи табақабандӣ дар адабиёти хаттӣ ҳам мавчуд аст, ки зимни таҳқиқ, ба хусус таҳлили хусусияти жанрӣ таваҷҷуҳ бевосита ба ҳар ду шоха, ҳам дар адабиёти хаттӣ ва ҳам фолклор ҳатман равона мегардад.

Гирдоварӣ ва таҳқиқи жанрҳои насри шифоҳӣ дар миёнаи садаи гузашта оғоз гардида бошад ҳам, нисбати бархе аз онҳо, ба мисли наклу ривоят тадкиқоти алоҳидаи илмӣ сурат нагирифта буд. Диссертатсияе, ки феълан мавриди таҳлил қарор дорад, яке аз чунин пажуҳишҳо мебошад, ки барои муайян намудани хусусиятҳои асосии жанри ривоят ва муқаррар кардани истилоҳи дақиқи илмӣ барои ин жанри насри лафзӣ равона шудааст. Аз ин ҷиҳат, диссертатсияи аз ҷониби Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» омодашуда

ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Адабиёти гуфторӣ яке аз ҷузъҳои таркибӣ ва боғановати фарҳанги миллии тоҷик буда, сарчашмаи адабиёти хаттӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, таърихи адабиёти гуфтории мо ба зуҳури халқи тоҷик робитаи зич дорад. Хусусан афсонаҳо ва нақлу ривоятҳое, ки аз даврони куҳан аз насл ба насл гузашта то замони мо расидаанд, чи аз лиҳози мазмуну муҳтаво ва чи аз лиҳози сохтор ва анвои адабӣ таҳаввул ёфта, вориди адабиёти хаттӣ шуда, дар ғанӣ гардидани он мусоидат кардааст. Дар асарҳои даҳанакии халқ ормон, орзую омоли мардум ва ахлоқу суннатҳои миллӣ инъикос гашта, тамоми унсурҳои ҳаёти маънавии халқ дар он бозтоб шудааст. Албатта, ба омӯхтан ва пажуҳиши анвои фолклорӣ, аз қабили устура, нақлу ривоятҳо, ки аз таъриху фарҳанг, афкору фалсафаи халқ саршоранд, зарурат ва аҳаммияти илмӣ ба миён меояд. Мавзуи мавриди таҳқиқ, ки ба муайянсозии хусусиятҳои жанрии ривоят бахшида шудааст, кори ҷолиб буда, ба ҳимоя пешниҳод кардани он айни муддао мебошад.

**Дараҷаи навовариҳои аз натиҷаҳои диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навоварии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки то ҳанӯз муайян сохтани вижагиҳои жанрии ривоят ва тафриқа гузоштан байни дигар жанрҳои насри гуфторӣ дар доираи як рисолаи ҷудогонаи монографӣ таҳқиқ нашудааст. Чунонки муаллифи рисола ишора мекунад, вобаста ба муҳимтарин масоили асарҳои насри халқӣ, махсусан жанри ривоят, мулоҳизоти зиёде аз ҷониби донишмандони фолклоршинос ва адабиётшиноси тоҷик навишта шудааст, ки диссертант аз онҳо огоҳона истифода бурдааст.

Дар натиҷаи ҷустуҷӯйҳои пайгирона ба диссертант муяссар шудааст, ки баъзе паҳлуҳои ҳалталаби мавзуъро ба баррасӣ кашида, хусусиятҳои асосии жанри ривоятро муқаррар ва муайян намояд.

Аз таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ Шакармамадов Ориф Нисормамадович чунин натиҷа бармеояд, ки ӯ бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқии муқоисавӣ-таърихӣ ва типологии илмҳои фолклоршиносию адабиётшиносӣ ба таҳқиқи жанрҳои насри шифоҳӣ пардохта, рисолаи арзишманди илмиро дар сатҳи матлуб таълиф кардааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешавад, ки унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқи диссертатсия ба асарҳои заминавии фолклоршиносони ватаниву бурунмарзӣ такя намуда, консепсияи илмӣ ва назарии онҳоро сармашқи кори диссертатсионии худ қарор додааст. Умуман,

дарачаи эътимоднокии натичаи таҳқиқ аз маълумоти муътамад, мутобиқати ҳачми маводи таҳқиқ, омӯзишу баррасии натичаҳои таҳқиқ, шумораи интишорот аз дуруст ва бонизом интихоб намудани методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаву тавсияҳои кори диссертатсионӣ бо такя ба таҳлилҳои амиқу самарабахши илмии натичаҳои таҳқиқи назариявӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва ичтимоии натичаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки вижагиҳои жанрии ривоят мавриди таҳқиқ қарор гирифта, чанбаҳои шаклию мазмунӣ, анвои бадей, сабку услуби гуфтории ривоятҳо, таъсирпазирии онҳо аз адабиёти хаттӣ ва баръакс, ҳамчун манобеи таърихӣ истифода шудани ривоятҳо аз чониби таърихнигорон, мавқеи ривоятҳо дар ичрои расму оинҳои мардум аз тарафи диссертант дуруст муайян ва муқаррар карда шудаанд.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Шакармамадов Ориф Нисормамадович яке аз аввалин муҳаққиқонест, ки ба таври доманадор оид ба хусусиятҳои жанрии ривоят дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон тадқиқот анчом додааст. Диссертатсияи **«Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)»** унвон дошта, аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натичаҳои таҳқиқ, феҳристи гӯяндаҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Сохтори муқаддимаи диссертатсия дар асоси талаботи таълифи рисолаҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикистон таҳия гардидааст. Диссертант дар қисмати муқаддима оид ба мубрамии таҳқиқи мавзуъ, робитаи мавзуъ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ ва дигар талаботи муқарраргардидаи сохтори муқаддамотӣ сухан ронда, сабабҳои асосии маҳз ба ин мавзуъ рӯ овардани худро баён намудааст. Дар қисмати муқаддима оид ба навовариҳои диссертатсия ба қадри имкон маълумот дода шуда, ҳамзамон чанбаҳои назарию амалии он то чое дарч гардидаанд.

Дар боби аввали диссертатсия, ки унвончӯ онро "Ривоят ҳамчун жанри фолклорӣ ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ" унвон додааст, дар се қисм оид ба истилоҳи илмии жанрии ривоят, хусусиятҳои фарқкунандаи ривоят аз дигар жанрҳои насрӣ ва шаклу сохтор, услубу тарзи гӯиш, мазмуну мундарича ва бадеияти ривоятҳо андешаҳояшро баён намудааст. Дар қисми аввали ҳамин боб, ки "Вижагиҳои жанрии ривоят" номгузорӣ шудааст, унвончӯ ба таълифоти қаблии дар бораи масоили зикргардида анчомёфта, асосан мақолаву интишороти фолклоршиносону

адабиётшиносони тоҷик такя намуда, барои муайян намудани истилоҳи аниқи илмии жанри ривоят ҳарф мезанад. Дар ин бора унвонҷӯ изҳор мекунад, ки имрӯз ҳам истилоҳоти “нақл” ва “ривоят” дар пайвастагии ҳамдигар дар истеъмол ва истифодаи фолклоршиносон мебошанд. Ҳамчунин дар ҷои дигари таҳқиқот диссертант дуруст ишора намудааст, ки барои ба вуҷуд овардан ва ба аҳли илм пешниҳод намудани истилоҳи дақиқу аниқи илмии навъу намудҳои фолклорӣ ҳамон вақт муяссар мегардад, ки агар аз маҳалҳои гуногуни тоҷикнишин ё худ мардуми форсизабони навоҳӣ ва вилоятҳои мухталиф шаклҳои гуногуни ифода ва ибораҳои ин истилоҳот дастрас шаванд. Дар ин қисмати кор унвонҷӯ фикру мулоҳизаҳояшро бо далелҳои эътимоднок тақвият бахшидааст ва онро комилан пажуҳиши анҷомёфтаи илмӣ ҳисоб кардан мумкин аст.

Дар **қисми дуюми боби аввал** роҷеъ ба ҷудо намудани ривоят бо хусусиятҳои хосаш аз дигар намуди анвои насрӣ тадқиқот бурда шудааст. Дар ин бахш ривоят дар муқоиса бо дигар жанрҳои насрӣ дар асоси гуфтаҳои фолклоршиносону адабиётшиносон таҳлил гардида, дар ин бора фикру ақидаҳои мухталифи муҳаққиқонро зери назар гирифтааст. Натиҷаи пажуҳиши қисми дуюм дар ҷадвали махсус тартибдодаи унвонҷӯ тасвир ёфтааст, ки дар он вижагиҳои жанрҳои насрӣ дар алоҳидагӣ аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, инъикоси ҳодисаҳо ва симоҳои асосӣ нишон дода шудаанд.

Қисми сеюми боб **“Сохтор ва мавзуи жанри ривоят”** унвон дошта, аз хусуси шаклу ҳаҷм, тарзи баён, сабку услуб ва воситаҳои тасвири бадеӣ сухан ронда мешавад. Барои таъйин намудани хусусиятҳои жанрии ҳар як асари бадеӣ унсурҳои зикргардида аҳаммияти муҳим дорад. Унвонҷӯ дар ҷое таъкид мекунад, ки баъзан дар ривоятҳо аломатҳои афсона ва баъзан хусусияти нақлӣ дида мешавад, ки чунин ҳолат барои ҳудуди муайян гузоштан байни ин анвои жанрӣ душвориро ба вуҷуд меорад. Чунин айниятро муаллифи таҳқиқот дар заминаи якдигар ба вуҷуд омадани устураву афсона ва ривояту нақл мебинад. Бо вуҷуди ин, диссертант бо овардани намунаҳои ривоят кӯшиш ба харҷ додааст, ки онро аз дигар намуди асари насрӣ ҷудо сохта, ҳамчун жанри алоҳидаи дорои вижагиҳои хос нишон диҳад.

Дар боби дуюм, ки **“Баррасии ривоятҳои мардуми Бадахшон”** унвон дорад, дар чор қисм – “Таҳқиқи ривоятҳо оид ба ашё ва ҳодисаҳои табиат”, “Таҳқиқи ривоятҳо дар бораи дарахти арча ва чанор”, “Таҳқиқи ривоятҳо роҷеъ ба кӯлҳои Бадахшон” ва “Таҳқиқи ривоятҳо доир ба сангҳо” дар бораи ашёи гуногуни табиат ва ҳодисаҳои ба онҳо алоқаманд, ки дар ривоятҳо инъикос ёфтаанд, таҳлилҳо сурат гирифтаанд.

Дар **қисми аввали ҳамин боб** дар бораи ривоятҳое, ки инъикосгари ихлосу эътиқоди қавии мардум нисбати обу чашмаҳо, баргузории ҳар гуна ҷашну маросимҳо дар назди ин чашмаҳо, табдил ёфтани ин мавзеъҳо ба ҷойҳои муқаддасу зиёратгоҳҳо ва пайваст гаштани ин унсури табиат бо номҳои шахсони барӯманди таърихӣ, баҳсҳои илмӣ анҷом додааст. Тибқи маълумоти муҳаққиқ ривоятҳои мардуми Бадахшон бо ривоятҳои манотиқи дигари Тоҷикистон ва инчунин бо ривоятҳои дигар халқияту мардуми кишварҳои ҳамҷавор, ки сокинони ин минтақаи кӯҳӣ бо онҳо аз давраҳои қадим иртиботи таърихию фарҳангӣ доштанд, аз нигоҳи мазмуну мундариҷа ҳамбастагии зич доранд. Бо овардани матни ривоятҳо ҳамчун мисол ва афкори муҳаққиқон доир ба ин масъала мулоҳизаҳои илмии худро таквият бахшида, моҳияти фарҳангиву маънавӣ ва тарбиявию ахлоқӣ доштани ин қабил ривоятҳоро ба таъкид гирифтааст.

Дар **қисми дуюми боби дуюм** бошад, диссертант ривоятҳоеро ба риштаи таҳлил кашидааст, ки дар бораи "арча" ва "чанор" гуфта шудаанд. Унвонҷӯ бар он назар аст, ки барои ҳифз кардани бисёрии ашёҳои табиат роҳу воситаҳои гуногунро ҷустуҷӯй мекунанд ва яке аз ин воситаҳо дар бораи онҳо офаридани ривоятҳо ва ба шахсиятҳои таърихӣ ва асотирӣ нисбат додани онҳо мебошад. Муҳаққиқ барои мисол матнҳои ривоятҳоро оварда, таҳлилу натиҷагирӣ менамояд. Аз таҳқиқи анҷомдодаи диссертант бармеояд, ки ҳар яке аз ин ашёҳои табиат дар тасаввури инсон рамзеро ифода мекарданд, ки он дар осори бадеии мардумӣ маҳфуз дошта мешавад. Маҳз бо аломатҳои рамзии худ ин дарахтон дар ривоятҳои мардумӣ ба номи шахсони бузург нисбат дода мешаванд.

Дар **қисми сеюми боби дуюм** диссертант ривоятҳо дар бораи кӯлҳои Бадахшонро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ба ақидаи муҳақиқи диссертатсия бархе аз ривоятҳое, ки ба ин мавзуъ бахшида шудаанд, аз чиҳати мазмун ба ҳамдигар монанд мебошанд. Дар қисме аз ин қабил ривоятҳо ҳодисаҳои таърихӣ низ намудор мегардад, ки ба таърихӣ будани ин жанри халқӣ далолат мекунад.

Дар **қисмати чоруми ҳамин боб** оид ба ривоятҳое сухан меравад, ки мазмуни асосии онҳоро сангу кӯҳпораҳо ташкил додаанд. Диссертант бар он назар аст, ки мавқеи сангҳо дар ҳаёту рӯзгори маскунони манотиқи кӯҳистон нақши хосса доранд, махсусан сангу кӯҳпораҳое, ки дар онҳо нақшу сурати чизе акс ёфтааст ё бо намуди зоҳириашон ба чизе монандӣ доранд. Аз ин рӯ, доир ба ин ашё ривоятҳои зиёде паҳн гаштаанд. Аз таҳлилу пажуҳиши мавзуи ин боб унвонҷӯ ба чунин натиҷа мерасад, ки ривоятҳое, ки доир ба ашёҳои табиат гуфта мешаванд бо расму оинҳо ва маросими суннатии сокинони

манотиқи кӯҳистон дар ҳамбастагии зич қарор ёфта, онҳо дар маҷмуъ афкори фарҳангӣ ва фалсафии мардумро бозгӯй мекунанд.

Дар **боби сеюми диссертатсия** муҳаққиқ дар бораи хусусияти таърихии ривоятҳо ва ҳамчун инъикосгари ҳодисаҳои таърихӣ буданашон маълумоти муфассал медиҳад. Унвонҷӯ ин бобро "Инъикоси воқеаҳои таърихӣ дар ривоятҳои мардуми Бадахшон" унвон дода, онро ба се қисм – "Заминаи ривоят – воқеият", "Ривоятҳо доир ба шахсияти Шоҳ Бурҳони Валӣ" ва "Доир ба шахсияти Ҳаким Носири Хусрав дар ривоятҳои мардумӣ" ҷудо намудааст. Дар қисмати аввали боб оид ба ривоятҳое, ки дар онҳо ҳодисаву воқеаҳо, санади таърихӣ акс ёфтаанд ва ҷанбаи таърихии онҳо назаррас аст, сухан меравад. Унвонҷӯ бо овардани мисолҳои фаровон ва фикру мулоҳизаҳои муҳаққиқон ақидаи худро тақвият бахшидааст, ки арзиши илмии пажуҳишро меафзояд.

Дар қисматҳои минбаъда унвонҷӯ бо таҳлил намудани матни чанд ривоят, ки аз хусуси шахсони таърихӣ маълумот медиҳанд ва вобаста ба онҳо ҳодисаҳои воқеӣ дар ривоятҳо инъикос гаштаанд, мавзуи тадқиқотиро ба пуррагӣ асоснок мекунад.

Дар қисмати хулосаи кор Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар сездаҳ банд оид ба ҳар як бобу қисмати диссертатсия андешаҳояшро ба таври алоҳида натиҷагирӣ менамояд. Хулосаҳои муҳаққиқ барои дарки хусусиятҳои фарққунандаи жанри ривоят, ҳам дар адабиёти гуфторӣ ва ҳам дар адабиёти хаттӣ то андозае комиланд ва метавон гуфт, ки мазмунан ҷамъбасти воқеӣ доранд.

Дар интиҳо муаллифи кори диссертатсионӣ барои истифодаи минбаъдаи таҳқиқоти хеш бо овардани чор банди алоҳида тавсияҳо пешниҳод кардааст. Ӯ тадқиқоти анҷомдодаашро барои омӯзиши минбаъда ба доираи васеи муҳаққиқони фолклор, адабиёт ва мардумшиносӣ муфид арзёбӣ менамояд. Дар охири кор унвонҷӯй адабиёти истифоданамудаашро аз рӯи тартиби алифбо ва риояи хронология ҷой додааст, ки барои муҳаққиқони минбаъда метавонад дастури хуби библиографӣ бошад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия дар 1 брошюра, 1 маҷмуа, 19 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопшудаи унвонҷӯ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Шакармамадов Ориф Нисормамадович ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

**Эродҳо ба диссертатсия.**

Дар маҷмуъ, муваффақияту дастовардхои диссертатсияи Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи **«Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)»** хеле зиёд аст, ки онро дар ин тақриз ба пуррагӣ шарҳу тавзеҳ додан аз имкон берун аст. Аммо дар ин радиф дар диссертатсия нуқсону камбудиҳои илмӣ низ вуҷуд доранд, ки аз назари муаллиф берун мондаанд. Барои дар тадқиқоти минбаъда бартараф намудани чунин нуқсонҳо ишораи чанде аз онҳоро ба манфиати кор меҳисобем:

1. Муҳаққиқ дар қисмати муқаддима ва ҳатто бобҳои диссертатсия бар он назар аст, ки "тамоми ривоятҳо заминаи воқеӣ доранд". Аммо дар дохили диссертатсия намунаи ривоятҳое ҳастанд, ки аз воқеият дуранд. Масалан ривояти "Гӯри Ландаҳур", "Аждаҳорсанг", "Аличур" ва ғайра.

2. Дар фасли аввали боби аввал, ки диссертант онро **"Вижагиҳои жанри ривоят"** унвон додааст, бештар ба ҷанбаи этимологии ривоятҳо такя намуда, оид ба ривоят, хусусиятҳои жанрии он, мавқеи ривоятҳо дар миёни мардум, сабабҳои пайдоиш ва амсоли инҳо, ки ба вижагиҳои жанри асар мансубанд, андешаронии амиқ накардааст.

3. Дар фаслҳои дуюму сеюми боби аввал, ки **"Тафовути ривоят аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ"** ва **"Сохтор ва мавзуи жанри ривоят"** ном доранд, муҳаққиқ бештар ба гуфтаҳои олимони пешин такя намуда, таҳлилу натиҷагириҳои илмии худро камтар қайд намудаст. Мебоист маҳз дар ҳамин боб мавқеи худро муайян намуда, ривоятро ҳамчун жанри алоҳида таҳлилу баррасӣ мекард. Зеро Шакармамадов О. дар қисмати муқаддима ва боби аввал қайд мекунад, ки сабаби маҳз ҳамин мавзуъро интихоб карданаш дар он аст, ки то кунун бисёре аз жанрҳои насрӣ ба таври дақиқ аз ҷониби фолклоршиносон таҳқиқ нашудааст.

4. Диссертант ҷое менависад, ки "Ба ин ҳанӯз дар сатҳи паст қарор доштани фолклоршиносӣ мебошад" (саҳ.36). Ба андешаи мо чунин тарзи андеша ба илми мазкур як андоза нодуруст мебошад. Зеро заҳмату талошҳои олимони фолклоршиноси қаблиро нодида гирифтан аз рӯи адолат нест. Шояд

муаллиф сабаби ба таври комил ҳамаҷониба таҳқиқ нашудани жанри ривоят ва дигар жанрҳои насрии фолклорро дар назар дошта бошад. Аммо фикрро ба таври нисбатан нарм баён кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.

5. Дар баъзе маврид диссертант ҷумлаҳоро такрор истифода намудааст. Масалан, "Аз ин хусус дар байни сокинони манотиқи Кӯҳистони Бадахшон ривоятҳое паҳн гаштаанд, ки дар онҳо доир ба сабаби пайдоиши чашмаҳо нақл меравад. Иддае аз ин чашмаҳо ба Хуҷаи Хизр, Ҳазрати Алӣ, Шоҳносири Хусрав, Шоҳраҳматуллои Валӣ ё умуман, ба бузурге, мӯйсафеде нисбат медиҳанд". Ҳамин матн дар саҳифаҳои 62 ва 64-и диссертатсия айнан истифода шудааст.

6. Қисми дуюми боби дуюм "Таҳқиқи ривоятҳо дар бораи дарахти арча ва чанор" унвон дорад, лекин дар мундариҷа калимаи "чанор" партофта шудааст.

7. Шакармамадов О. дар дохили диссертатсия ривоятҳои зиёдеро пайи ҳам намуна оварда, дар Кӯҳистони Бадахшон то имрӯз мавҷуд будани онҳоро таъкид намудааст. Аммо аксарияти онҳоро таҳлилу баррасӣ намекунад. Тибқи талаботи илми фолклоршиносӣ аз таҳлили матнҳо воқеият ва дигар ҷанбаҳои жанрии асарро муайян кардан мумкин аст. Масалан дар намунаҳои овардаи диссертанти мазкур хулосабардорӣ кардан мумкин буд, ки оё Хуҷаи Хизр, Ҳазрати Алӣ, Ландаҳур, Искандар ва дигар шахсиятҳои таърихиву динӣ дар ҳақикат дар Бадахшон буданд ё онҳо асоси воқеӣ надоранд.

8. Дар диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ҳам ҷой доранд. Масалан саҳифаи 20 "дуюм"- "дуйуи", саҳ. 22 "базан" ба ҷои "баъзан", саҳ. 24 "мавзее"- "мавзеъе", саҳ. 39 "баръало"-"бараъло", саҳ. 44 "аотирӣ"- "асотирӣ" ҳамин гуна ғалатҳо дар саҳ. 54, 58, 68, 76 ва ғайра ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои ҷойдошта ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи он аз уҳдаи иҷрои мақсаду вазифаҳои дар кори таҳқиқотии худ гузошта сарбаландона баромадааст.

**Қисмати хотимавии диссертатсия.** Диссертатсия аз нигоҳи сохтор, муҳтаво, забон ва равиши таҳқиқ мукаммал мебошад. Сохтор ва муҳтавои автореферат бо диссертатсия мувофиқати комил дошта, он ва мақолаҳои банашррасонидаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
**Номзади илмҳои филологӣ,**
**директори Муассисаи давлатии**
**Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии**
**фарҳанг ва иттилооти**
**Вазорати фарҳанги**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Аминзода А. Ҳ.**

**Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17.**
**Тел: +(992) 934626346, +(992) 907626346**
**E-mail: raboni_81@mail.ru**

**Имзои А. Ҳ. Аминзодаро тасдиқ мекунам:**
**Нозири кадри Пажуҳишгоҳи**
**илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот** **Холиқова М.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17.**
**Тел: +(992) 233-58-84, +(992) 987766491**
**E-mail: vfarhang98@gmail.com**

« 11 » марти соли 2025